ТДУ. 631:652

# ҶОЙГИРКУНИИ ОҚИЛОНАИ ЗИРОАТҲОИ КИШОВАРЗӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТИ АГРАРӢ

**Тураев А.А.** – омӯзгори калони ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур

***Калимаҳои калидӣ:*** *иқтисодиёт, замин, ҷойгиркунӣ, зироатҳои кишоварзӣ, фоида.*

Дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон комплекси аграсаноатӣ ҷойи муҳимро ишғол менамояд, ки аз дуруст ва оқилона ташаккулёбии он амнияти озуқавории мамлакат вобаста аст. Иқтисодиёти миллии имрӯзаи Тоҷикистон дар худ сохти душвори хоҷагидорӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсиро таҷассум менамояд. Аз ҳамин ҷиҳат ба кишоварзон лозим меояд, ки муаммоҳои ба миён омадаро ҳамаҷониба тахти омӯзиш қарор дода, роҳи муносибтарини ҳалли мушкилотро кор карда бароянд.

Майдони умумии заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2020, 14137907 га мебошад. Аз он заминҳои кишоварзӣ 4706451 га, заминҳои обӣ 762198 га, заминҳои корам 674609 га, аз ҷумла корами обӣ 471087 га мебошад, ки ба сари ҳар як аҳолии ҷумҳурӣ он 0,06 га-ро ташкил медиҳад. Ин рақам дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 0,04 га, дар вилояти Суғд 0,07 га, дар вилояти Хатлон 0,08 га, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 0,03 га рост меояд, ки . Ба омор назар кунем, аҳолии мамлакат 9126,6 ҳазор нафарро ташкил дода, сол то сол ин рақам майл ба самти болоравӣ дорад [3]. Заминҳои обёришаванда, сол то сол ба сари ҳар як нафари аҳолӣ кам шуда истодааст. Бар замми ин дар соли 2019 бо сабабҳои гуногун 6644 га заминҳои кишоварзӣ, аз ҷумла заминҳои обӣ 6219 га аз гардиши кишоварзӣ берун мондааст [2]. Ин ҷараён аҳолии кишварро водор месозад, ки ҳар як ваҷаби заминро самаранок истифода намоянд. Дар баробари ин дар таҳлилҳои илмӣ дуруст ҷойгиркунии зироатҳои кишоварзӣ, вобаста ба шароитҳои табиию иқлимӣ, таркиби хок, миқдори гармӣ барои нашъунамои зироатҳо дар минтақаҳои гуногуни мамлакат, нақши муҳим мебозад.

Дар Тоҷикистон барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, самаранокии иқтисодии он имкониятҳои зиёд мавҷуд аст. Яке аз чунин омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии иқтисодии зироатҳои кишоварзӣ ин баланд бардоштани ҳосилнокии хок дар минтақаҳои гуногуни мамлакат, ғанӣ гардонидани буҷаи мамлакат, пешгирии ҳамаи заминҳо аз таъсири манфии табиат ба хок, риояи киштгардон, коркарди таркиби хок дуруст ҷойгиркунии зироатҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2019 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2019**

| **Зироатҳои кишоварзӣ** | **Истеҳсол, тонн** |
|---|---|
| Ғалладонагиҳо | 1414637,5 |
| Картошка | 994433 |
| Сабзавот | 2182556 |
| Полизӣ | 701262,4 |
| Меваҷот | 473757 |
| Ангур | 247167 |

Ин нишондиҳандаҳо ҳарчи паст набошад ҳам талаботи имрӯзаи аҳолии кишварро ба маҳсулоти ғизоӣ пурра таъмин карда наметавонанд. Барои ин ба кишоварзон, олимони соҳаи кишоварзӣ зарур мебошад, ки ноҳиябандӣ намудани зироатҳои кишоварзӣ, интихоб намудани навъҳои зироатҳои кишоварзие, ки ба шароитҳои табиию иқлимии минтақаҳои ҷумҳурӣ мувофиқ аст ва ҳосили баланд медиҳад, ба роҳ монда шавад (ҷадвали 2). Дар баробари ин ба самаранокии иқтисодии зироатҳои кишоварзӣ ва баланд бардоштани иқтисодиёти мамлакат мусоидат намояд.

**Ҷадвали 2. - Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар ҳама шаклҳои хоҷагидории ЧТ, сент./га.**

| Вилоятхо ва НТЧ | Солхо | | | | | | с. 2019 нис-бат ба 1991 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Ғалладонагихо | 12,8 | 28,6 | 29,2 | 29,9 | 28,7 | 30,9 | 240 % |
| Пахта | 27,4 | 17,3 | 17,6 | 22,2 | 16,2 | 22,0 | 80,3% |
| Картошка | 143,0 | 221,7 | 214,4 | 191,5 | 193,2 | 191,0 | 128% |
| Сабзавот | 181,0 | 247,9 | 248,6 | 256,0 | 256,9 | 264,6 | 146,2% |
| Полези | 62,0 | 233,4 | 246,2 | 254,6 | 263,6 | 260,6 | 420% |
| Мевагихо | 22,6 | 33,2 | 38,7 | 42,1 | 43,3 | 44,1 | 195,1% |
| Ангур | 36,4 | 64,2 | 67,4 | 69,0 | 72,7 | 73,2 | 201,0% |

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 хулоса кардан мумкин аст, ки ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ вобаста ба шароитҳои гуногуни табиию иқтисодии кишвар дар солҳои 2015-2019 ба ғайр аз картошка самъи болоравӣ дошт, ки ба фаровонии бозорҳои истеъмолӣ мусоидат мекунад.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ колхозу совхозҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ табдил дода шуданд ки ин ба камшавии заминҳои кишт сабаб шуд. Сабаби камшавии заминҳои кишт ин пайдошавии тарҳҳои нави замин, яъне хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва коллективӣ буда, дар ҳудуди онҳо роҳҳо, шабакаҳои обёрӣ, бошишгоҳҳои саҳроӣ бунёд гаштанд, ки масоҳати онҳо дар ноҳияҳо ҳазорҳо гектарро ташкил дод. Ин ба камшавии махсулоти кишоварзӣ, порчадармиёнӣ, аз даст додани заминҳои қимматбаҳо, шикастагии сарҳади заминҳо, душворӣ ҳангоми обёрии зироатҳои кишоварзӣ, талафи об дар обёрӣ оварда расонд, ки ин ба буҷаи мамлакат хисороти хеле калон мебошад.

Ба маълумоти оморӣ назар кунем, соҳаи кишоварзӣ бо туфайли зиёдшавии шумораи аҳолӣ бо қувваи корӣ таъмин мебошад ва ба пешравии соҳа монеа шуда наметавонад. Дар ин асно дуруст ва оқилона истифода намудани захираҳои меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ хело муҳим мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат оқилона ҷойгиркунии зироатҳои кишоварзӣ дар манотиқи ҷумҳурӣ ба самаранок истифодабарии заминҳои кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Ҷойгиркунии зироатҳои кишоварзиро танҳо бо як ва якчанд омилҳо баҳо додан ғайриимкон аст. Барои баҳо додани он омилҳои зиёд, яъне ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, хароҷотҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, истифодаи захираҳои меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, таъминот бо техникаи кишоварзӣ, технологияи парвариши зироатҳои кишоварзӣ ва ғайраҳо таъсир мерасонад. Ба омори техникаи кишоварзӣ назар кунем, аз соли 1991 то 2015 майл ба камшавӣ дошт.

Аз соли 2015 то ин ҷониб нишондиҳандаҳои шумораи техникаи кишоварзӣ майл ба болоравӣ пайдо кардааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки истеҳсолоти кишоварзиро бе техникаи кишоварзӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз тарафи дигар боло рафтани арзиши нуриҳои органикӣ ва ғайриорганикӣ, тухмиҳои зироатҳои кишоварзӣ, қувваи корӣ, техникаи кишоварзӣ, қисмҳои эҳтиётии он, сузишворӣ ба болоравии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ таъсири худро гузоштааст. Маълум аст, ки релефи Тоҷикистон ноҳамвор буда, аз иқлиму хокҳои гуногун иборат мебошад, ки ин дар навбати худ хароҷоти парвариши зироатҳои кишоварзиро зиёд менамояд, ин хусусиятҳои технологии майдони заминҳои кишт, яъне дарозӣ ва бари майдони заминҳо, монеаҳо дар даруни заминҳои кишт, порчадармиёнии заминҳо, баландии заминҳои кишоварзӣ аз сатҳи баҳр, нишебии замин, сангнокӣ, таркиби механикии замин ва ғайраҳо мебошад.

Ин хусусиятҳои майдони заминҳои кишоварзӣ ҳангоми гузаронидани корҳои механизатсионӣ масрафи вакт, сузишворӣ ва истеҳлоки воситаҳои асосиро зиёд менамояд. Дар натиҷа ҳамаи хароҷотҳои номбаршуда сабаби болоравии нархи маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои истеъмолии кишвар шудааст. Барои ҳалли мушкилоти ба миён омада, низомҳои илман асосноки рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар мисоли хоҷагии «Бустон»-и ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон ҳисоб карда баромада шуд, ки натиҷаи он дар шакли ҷадвали 3 ва диаграммаи 1 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3. - Таҳлили фоиданокии тафриқавӣ барои ҷойгиркунии зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагӣ**

| Намуди зироатҳо | Таркиби майдони кишт % | Балли сифати хок | Коэффитсиенти технологӣ | Коэффитсиенти ҳосилнокӣ | Фоиданокии тафриқавӣ вобаста ба маҳсулнокӣ ва хусусиятҳои технологии заминҳо, сомонӣ/га | Фоиданокии тафриқавӣ вобаста ба ҷойгиршавии қитъаи замин, сомонӣ/га | Ҳамагӣ фоиданокии тафриқавӣ, сомонӣ/га |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Пахта | 43,00 | 60 | 1,03 | 0,87 | 5297,39 | 0,14 | 5297,53 |
| Ғалла | 39,00 | 60 | 1,03 | 0,88 | 2555,66 | 0,14 | 2555,80 |
| Шолӣ | 2,00 | 60 | 1,03 | 0,87 | 28256,02 | 0,14 | 28256,16 |
| Картошка | 1,00 | 60 | 1,03 | 0,87 | 13819,18 | 0,14 | 13819,32 |
| Сабзавот | 2,40 | 60 | 1,03 | 0,87 | 18429,94 | 0,14 | 18430,08 |
| Алаф. бисёр. | 12,60 | 60 | 1,03 | 0,87 | 12639,75 | 0,14 | 12639,89 |
| Мевачот | 48,20 | 24 | 1,05 | 0,35 | 12465,62 | 0,14 | 12465,76 |
| Ангур | 51,80 | 24 | 1,05 | 0,35 | 16210,00 | 0,14 | 16210,14 |
| Алафҳои табиий | 100 | 18 | x | 0,41 | 106,52 | 0,00 | 106,52 |




**Диаграмма -Таҳлили фоиданокии умумии хоҷагӣ ба 1 га зироатҳои кишоварзӣ барои тахассусгардонии хоҷагӣ ва ҷойгиркунии зироатҳои кишоварзӣ**

Аз ҷадвали3 маълум мешавад, ки фоиданокии зироатҳои кишоварзӣ аз омилҳои зиёд вобаста буда, дар як минтақаи табиию иқлимӣ гуногун мебошад. Гуногунии ин равандро дар шакли диаграмма чунин тасвир кардан мумкин аст.

Дар асоси таҳлилҳои иқтисодӣ маълум шуд, ки барои хоҷагӣ дар заминҳои обии худҷоришаванда ва обёрии мошинӣ, шоликорӣ, сабзавоткорӣ, токпарварӣ хеле фоиданок мебошад.

Чӣ хеле, ки аз диаграмма дида мешавад қисми асосии фоида дар кишти шолӣ, сабзавот ва токпарварӣ мебошад. Барои ҳамин тавсия дода мешавад, ки истехсолоти хоҷагӣ рушди шоликорӣ, сабзавоткорӣ ва токпарварӣ махсус гардонидан мувофиқи мақсад аст.

## АДАБИЁТ


1. Ғафуров А. Д., Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» / Ғафуров А. Д., Тураев А. А., Соҳибов М. М. // Душанбе ,2014.
2. Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон-Душанбе, 2020.
3. Тақсимоти заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе – 2019.
4. Дастури методӣ оид ба баҳои сифатии хок ва баҳои иқтисодии заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, 2003.


## АННОТАЦИЯ

## ПРАВИЛЬНОЕ И РАЦИОНАЛЬНОЕ РАЗМЕЩЕНИЕ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ КУЛЬТУР В ЦЕЛЯХ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ АГРАРНОГО СЕКТОРА


В статье освещены правильное и рациональное размещение сельскохозяйственных культур, и основные пути эффективного использования сельскохозяйственных земель. А также, определены рычаги экономического управления сельскохозяйственной отраслью в целях обеспечения населения продовольственной продукцией, и устойчивого развития экономики страны.



***Ключевые слова:*** *экономика, земля, размещения, сельскохозяйственные культуры, прибыль.*


## ANNOTATION

## PROPER AND RATIONAL PLACEMENT OF AGRICULTURAL CROPS FOR THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF AGRARIAN ECONOMY


The article highlights the correct and rational placement of crops and the main ways of agricultural land using of efficiency. As well as, described the main management issue of agricultural sectors for population food security and sustainable development of country.



***Key words:*** *economy, land, location, crops, profit.*